Қиёмат қоим нахоҳад шуд, то ин ки марде аз канори қабри марди дигаре бигзарад ва бигӯяд: Эй кош, ман дар ҷои ӯ мебудам

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Қиёмат қоим нахоҳад шуд, то ин ки марде аз канори қабри марди дигаре бигзарад ва бигӯяд: Эй кош, ман дар ҷои ӯ мебудам."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки қиёмат барпо намешавад, то он ки марде аз канори қабре бигзарад ва орзу кунад, ки эй кош ба ҷои ӯ мурда буд. Ва сабаби ин орзу ошкор шудани фитнаҳо, гуноҳон, мункарот ва тарс аз он аст, ки бо ғалабаи ботил ва аҳли ботил динашро аз даст диҳад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65022